# ХУЛОСАИ

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-066 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Сахиёр Раҳимуллоҳ дар мавзуи "Таҳқиқи психологии робитаи бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонони шаҳри Кобул" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050305 – психологияи иҷтимоӣ.

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-066 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар ҳайати раиси комиссия Г.Н. Зокиров - доктори илмҳои сиёсӣ, профессор; аъзоён Н.Қ. Амонов - номзади илмҳои психологӣ, дотсент ва Ҳ.А. Зайтметов - номзади илмҳои психологӣ, дотсент оид ба қабул намудани диссертатсияи доктори фалсафа PhD, Сахиёр Раҳимуллоҳ дар мавзуи «Таҳқиқи психологии робитаи бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонони шаҳри Кобул» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050305 – Психологияи иҷтимоӣ барои ҳимоя ва муайян кардани рӯзи ҳимоя.

Неруи инсонӣ ва ҷамъияти фаъоли ҳар ҷомеа дар фароянди тавлид нақши босазое дорад ва падидоварандаи аслии сарват ва муҳаррики бевоситаи иқтисод маҳсуб гашта, сатҳу мизони истеҳсолоти миллии ҳар кишвар низ ба дониш ва огоҳии фаннию имконоти истеҳсолии ҷамъияти фаъоли он вобаста аст. Ба ибораи дигар, вусъат ва рушду инкишофи иқтисодии ҳар кишвар дар баробари сармоя ва технология ба неруи инсонии коромад (самаранок) ва мутахассис ниёз дорад. Масъалаи таъмини одамон бо кор ва баҳси бекорӣ яке аз муҳимтарин масоили ҷомеаи ҷаҳонӣ буда, боиси нигаронӣ ва ташвишҳои зиёди афроди ҷомеа ва давлатҳо гашта, дар кишварҳои мухталиф доир ба ин масъала назарияҳо падид омада, таҳқиқоти гуногун анҷом дода шудаанд. Ҳар ҷомеае барои идомаи ҳаёт ва бақо ба кору фаъолияти мардум ва масъулон эҳтиёҷ дорад. Ниёз ба кор аз замонҳои қадим вуҷуд доштааст ва он як бахши муҳимми зиндагии инсонро дар бар мегирад.

Кор яке аз мафҳумҳои асосии илми ҷомеашиносӣ мебошад. Кор сармоя ва захираи миллӣ аст ва метавонад ба рушду пешрафти тамаддун таъсири бузург расонад. Агар афроди ҷомеа ба таври нисбӣ мувофиқи майлу истеъдод ва тавоноиҳои шахсӣ машғули кори муносиб бошанд, дар ҷомеа барои навоварӣ, ибтикор, рушду пешрафтӣ сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ замина ба вуҷуд меояд. Вале агар заминаҳои шуғлу кор дар ҷомеа маҳдуд ва талабот барои кор бисёр бошад, ба тадриҷ бекорӣ афзоиш меёбад. Бекорӣ мушкилии иҷтимоӣ аст, ки ҳам осебҳои ҷиддии фардӣ ва ҳам осебҳои иҷтимоии қобили мулоҳизае ба бор

меоварад. Бекорӣ ҳамеша ба фард чи аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва чи аз ҷиҳати руҳӣ ва равонӣ бадтарин таъсиротро мегузорад, ки оқибати он ба осонӣ ҷуброн намегардад. Бекорӣ боиси сар задани парешонҳолӣ, депрессияи равонӣ мешавад ва ин нокомиҳо ва нуқсҳо дар ҷисму ҷони ашхос батадриҷ реша медавонанд.

Бекорӣ ба маҳорату қобилиятҳои фард осеб расонида, саломатии равонии ӯро табоҳ ва халалдор месозад. Умеду орзуҳои ӯро барбод медиҳад. Бекорӣ шавқу завқи зиндагиро барҳам зада, қудрати иродаи фардро заиф мекунад. Бекорӣ аз як тараф, омили асосии бечорагии фарди бекор аст, аз тарафи дигар, аз ҷиҳати равонӣ шахси бекор худро ҳақир, зиёндидаву зиёнкор мешуморад ва аз ҷомеа кор талаб мекунад ва чун ҷомеаро сабаби маҳрумияти худ мепиндорад, навъе эҳсоси интиқомгирӣ дар ӯ парвариш меёбад. Бо таваҷҷуҳ ба вазъи бекорӣ дар кишварҳои ҷаҳони сеюм ва ҳамчунин кишвари Афғонистон таваҷҷуҳ ба ин масъала аҳамияти хоссе дорад ва ниёзи расидан ба як роҳи кор ҷиҳати коҳиши бекорӣ дар кишвар бисёр зарурӣ аст, ки бар аҳамияти ин мавзуъ далолат мекунад. Муҳаққиқи рисола ба хулосае меояд, ки Афғонистон аз ҷиҳати захираҳои табиӣ ва неруи корӣ кишвари камбизоат нест, аммо бо сабаби омилҳои мухталиф дар соҳаи кишоварзӣ ва ҳама гуна зироаткорӣ хеле ақиб мондааст. Кишоварзӣ ҳанӯз бисьёр камбудиҳо дорад ва инкишоф наёфтааст, ҳукумат дар зери фишор аст ва дар бозор қудрати бо маҳсулоти воридотии корхонаҳои калон ва маҳсулоти аълосифати онҳо рақобат карданро надорад. Дар натиҷа, дар солҳои охир дар баробари таъсири манфии сиёсати нодурусти хусусигардонӣ, бисёре аз корхонаҳо ва корхонаҳои кишвар бар асари рақобатпазирӣ муфлис ва ғайрифаъол шуданд. Ин боиси беҳуда сарф шудани маблағи бисёр ва рукуди истеҳсолот гардида, сафи афзудаистодаи бекоронро низ беш аз пеш зиёд кард.

Хулоса, доираи масоили зикргардида мубрамияти мавзуи диссертатсияи Сахиёр Раҳимуллоҳро собит месозанд.

***Дар асоси омӯзиш ва таҳлили диссертатсияи Сахиёр Раҳимуллоҳ комиссияи экспертӣ чунин хулоса мекунад:***

1. Диссертатсияи Сахиёр Раҳимуллоҳ дар мавзуи «Таҳқиқи психологии робитаи бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонони шаҳри Кобул» тибқи талаботи бандҳои 32-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия кори илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта буда, пажуҳиши ҳамаҷонибаи психологияи муосирро дар самти таҳқиқи психологии

робитаи бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонони шаҳри Кобул фаро мегирад.

2. Пешниҳоду хулосаҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, эътимоднок буда, онҳоро дар фаъолияти институтҳои шахсиятсозӣ, ба роҳ мондани корҳои маърифатӣ дар байни аҳолии кишвари Афғонистон дар самти тобиш бахшидан ба муносибатҳои иҷтимоӣ, раванди таълиму тарбияи наслҳои наврасу ҷавон дар муассисаҳои таълимии миёна ва олии касбӣ метавон истифода кард.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 6D050305 – Психологияи иҷтимоӣ (илмҳои психологӣ), ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-066 назди Донишгоҳи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 15 уми июли соли 2024 таҳти № 223/шд хуқуки қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон, таҳкиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат дорад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳкиқоти диссертатсионӣ ва тавсияву пешниҳодҳои довталаб дар 7 номгӯи интишороти илмӣ ба табъ расидаанд, ки саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд. Мақолаҳои муаллиф дар теъдоди 7 адад дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд ва ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ комилан мувофиқ буда, моҳияти асосии таҳқиқотро инъикос мекунанд. Теъдоди маводи нашршуда ба талаботи банди 35-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Сахиёр Раҳимуллоҳ, истифодаи мавод бе нишон додани маъхаз мавҷуд набуда, тамоми манбаъҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровარда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 33-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (дотсентӣ, профессорӣ), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, № 295) тасдиқ гардидааст, шаҳодат медиҳад.

6. Рисола ба талаботи банди 31-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” мувофиқат мекунад. Диссертатсияи мазкур аз ҷониби муаллиф

мустақилона навишта шуда, дорои умумият ва ягонагии дохилӣ мебошад. Навгонии илмӣ ва муқаррароти барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсиониро собит месозанд.

7. Таҳқиқоти диссертатсионии Сахиёр раҳимуллоҳ дар мавзуи «Таҳқиқи психологии робитаи бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонони шаҳри Кобул» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050305 – психологияи иҷтимоӣ анҷом дода шудааст. Автореферат дар мутобиқат бо мантиқи таҳқиқ таҳия гардида, муҳтавои асосии тахкиқотро инъикос менамояд. Натиҷаҳои илмие, ки унвонҷӯй ба даст овардааст, ихтисоси 6D050305 – Психологияи иҷтимоӣ мувофиқанд.

Комисссияи ташхисӣ талаботи банди 61 Низомномаи “Шурои диссертатсионӣ”-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, № 295) тасдиқ гардидааст, ба инобат гирифта, пешниҳод менамояд:

1. Дар заминаи таҳлили ҳамаҷониба, махсусан мазмуну мундариҷа ва мақсади таҳқиқот ҳайати комиссияи ташхисӣ ба хулоса омаданд, ки мавзуи диссертатсияи Сахиёр Раҳимуллоҳ ба мақсад мувофиқ буда барои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

2. Диссертатсияи Сахиёр Раҳимуллоҳ дар мавзуи «Таҳқиқи психологии робитаи бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонони шаҳри Кобул» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050305 – Психологияи иҷтимоӣ ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-066 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

3. Ба ҳайси муқарризони расмӣ ба диссертатсияи мазкур шахсони зерин тавсия дода мешаванд:

1.**Рустамов Шавкат Шухратович** - доктори илмҳои психологӣ, дотсенти кафедраи психологияи Донишгоҳи давлатии Бухоро;

2. **Латифзода Сомон Зариф** - доктори фалсафа PhD аз руйи ихтисоси психология, мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ-риёзии Донишкадаи такмили ихтисоси муассисаҳои таҳсилоти олии касбии (ДТИОМТОК) назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

3.**Ба ҳайси муассисаи пешбар** - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ тавсия карда мешавад.

4.Барои нашри эълон оид ба ҳимоя, ҷойгир намудани автореферат ва диссертатсия дар сомонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи

олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат ба ҳуқуқи дастнавис дар ҳаҷми 100 нусха иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои сиёсӣ, профессор Зокиров Г.Н.
**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
номзади илмҳои психологӣ, дотсент Амонов Н.Қ.
номзади илмҳои психолгӣ, дотсент Зайтметов Х.А.

*"Имзои Г.Н. Зокиров ва Н.Қ. Амоновро тасдиқ менамоям.*

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

"_26_" _03_ соли 2025

*"Имзои Зайтметов Х.А. –ро тасдиқ менамоям.*

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б.Ғафуров Сайдуллозод З.С

"_26_" _03_ соли 2025